Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.11.2013, №19/9
тасдиқ карда шудааст

# ТАРТИБИ ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲҲОИ ТАЪЛИМИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Тартиби мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, минбаъд фаъолияти гурӯҳҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

## ТАЪСИС ВА БАРҲАМДИҲИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

Гурӯҳҳои таълимӣ мувофиқи дархости мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф дар асоси фармоиши Вазорате, ки дар тобеаш муассисаи таълимӣ (муассис) дорад дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, корхонаҳои калон, сохтмонҳо ва муассисаҳои давлатӣ ва ғайри давлатӣ таъсис дода мешаванд.

Таъсис ва барҳамдиҳии гурӯҳҳои таълимӣ тибқи фармоиши вазорате, ки дар тобеияти худ муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дорад амалӣ карда мешавад.

Гурӯҳҳои таълимӣ ҷузъи сохтории муассисаи таълимӣ буда, мустақил фаъолият менамояд.

Гурӯҳи таълимӣ дорои муҳри бо номгӯи муассисаи таълимии заминавӣ, штамп, бланкаи номдор ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дошта мебошад.

## РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Гурӯҳҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯзи иҷозатнома гирифтанаш пайдо мекунад.

Таҳсил дар гурӯҳҳои таълимӣ дар шакли рӯзона, ғоибона ва шабона аз рӯи ихтисосҳое, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии заминавӣ амалӣ мегардонад ба роҳ монда мешавад.

Гурӯҳи таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ метавонад дар сохтори худ курсҳои тайёрӣ, ҳуҷраҳои таълимӣ ва лабораторӣ, устохонаҳои таълимӣ ва таълимию истеҳсолӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, машқгоҳҳои таълимӣ, воҳидҳои сохтории таълимии таҳсилоти иловагии касбӣ, хобгоҳ ва дигар ҷузъҳои сохторӣ дошта бошад.

Роҳбари гурӯҳи таълимиро Вазорате, ки дар тобеаш муассисаи таълимӣ (муассис) дорад таъин менамояд. Роҳбари гурӯҳ бояд: аз шумори мутахассисон соҳибтаҷриба, соҳиби маълумоти олии бо ихтисосҳои гурӯҳи таълимӣ мувофиқаткунанда ва соҳиби таҷрибаи педагогӣ дошта бошад.

Ба ӯҳдаи роҳбари гурӯҳ гузошта мешавад: таъмини нақшаи қабули донишҷӯён;

-ба директор барои тасдиқ пешниҳод намудани воҳидҳои маъмурият, омӯзгорон, кормандони ёрирасон ва хоҷагидорӣ;

-ташкили раванди таълим;

-назорат аз болои иҷроиши нақша ва барномаи таълимӣ;

-ташкили корҳои сиёсӣ ва тарбиявӣ дар муассисаи таълимӣ;

-ташкили хизматрасонии маишии донишҷӯён ва кормандони муассисаи таълимӣ;

-гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён ва дигар масъалаҳо.

Роҳбари гурӯҳ корҳои хоҷагидорӣ ва маблағгузорӣ дар асоси бовариномаи директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии додашуда иҷро карда мешаванд.

Роҳбари гурӯҳ дар назди директори муассисаи таълимӣ оид ба ҳамагуна корҳои дар таълимгоҳ гузаронидашаванда ҷавобгар аст.

Дар назди роҳбари гурӯҳ ва бо раисии ӯ Шӯрои педагогӣ ташкил мегардад.

Дар муассисаи таълимӣ (гурӯҳи таълимӣ) комиссияҳои фаннӣ ташкил кардан мумкин аст, ки ба ҳайати он устодон таълимгоҳ шомил мегарданд. Комиссияи фаннии муассисаи таълимии миёнаи касбӣ дар асоси Низомнома фаъолият менамояд.

Ҳимояи лоиҳаҳои корҳои дипломӣ ва супоридани аттестатсияи давлатӣ дар гурӯҳҳои таълимӣ танҳо бо иҷозати вазорате, ки муассисаи таълимӣ дар тобеияти он аст, гузаронида мешавад.

Таҳсили шаҳрвандон дар гурӯҳҳои таълимӣ дар асоси буҷҷаи давлат ва шартнома амалӣ мегардад.

Ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом)-ро оид ба хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ муассисаи таълимие ки гурӯҳи таълимӣ дар тобеияти он аст медиҳад.

## ҚАБУЛ БА МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

Қабули довталабон дар гурӯҳҳои таълимӣ, мувофиқи Қоидаҳои қабул барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ амалӣ карда мешавад.

Нақшаи қабули донишҷӯён дар гурӯҳҳои мазкур дар асоси иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ муассис муайян мекунад.

## БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲИИ ГУРӮХИ ТАЪЛИМӢ

Воҳидҳои кории маъмурият, кормандони таълимӣ ва ёрирасони гурӯҳҳои таълимиро аз тарафи вазорате, ки муассисаи таълимӣ дар тобеияти он аст, муайян менамояд.

Бо розигии вазорате, ки гурӯҳи таълимӣ дар тобеаш мебошад метавонад тавозун (баланс)-и мустақил, суратҳисоби махсус дошта бошад.

Баҳисобгирӣ ва назорати дурустии истифодаи амволи гурӯҳи таълимиро аз тарафи муҳосиботи муассисаи заминавӣ амалӣ карда мешавад.

Муҳосиб оид ба фаъолияти молиявии гурӯҳи таълимӣ дар назди маъмурият ва сармуҳосиби муассисаи таълимии миёнаи касбӣ ба зимма дорад.

Ҳисоботҳои оморӣ, бухгалтерӣ ва ғайра аз тарафи мудири гурӯҳи таълимӣ ба муассисаи таълимии миёнаи касбӣ аз рӯи шакли муайяншуда, дар мӯҳлати муқараргардида ва талаботи роҳбарияти муассисаи таълимӣ супорида мешаванд.